Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-030
назди Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба
номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи
таҳсилоти Тоҷикистон
(ш. Душанбе, к. А.Адҳамов, 11/2)

ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

ба диссертатсияи Давлатзода Фарзона Иброҳим дар мавзуи «Шароитҳои педагогии ташаккули сифатҳои иҷтимоии кӯдакони синни калони томактабӣ дар муассисаҳои таълимии томактабӣ ва оила» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.2. Назария ва методика таълиму тарбияи томактабӣ (педагогикаи томактабӣ) - шаҳри Душанбе, 2026, 192 с.

Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ. Мавзуъ, муҳтаво ва натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ба талаботи шиносномаи ихтисоси 5.3.2.- Назария ва методикаи таълиму тарбияи томактабӣ (педагогикаи томактабӣ), ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардидааст, мутобиқат менамоянд.

Дар доираи таҳқиқот масъалаҳои марбут ба ташаккули сифатҳои иҷтимоии кӯдакони синни калони томактабӣ, аз ҷумла моҳияти мафҳуми «сифатҳои иҷтимоӣ», шароитҳои педагогии ташаккули онҳо дар муассисаҳои таълимии томактабӣ ва оила, механизмҳои ҳамкории муассиса ва оила, инчунин натиҷаҳои педагогии ин раванд мавриди омӯзиши илмӣ қарор гирифтаанд. Самти таҳқиқот ба доираи масъалаҳое дохил мешавад, ки дар шиносномаи ихтисоси мазкур пешбинӣ шудаанд.

Натиҷаҳои бадастомада метавонанд барои такмили мазмун ва методикаи кори тарбиявии муассисаҳои таълимии томактабӣ, рушди ҳамкории оилаву муассиса ва такмили барномаҳои таълимии томактабии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода гарданд.

Мубрамии мавзуи таҳқиқот. Мубрамияти мавзуи таҳқиқот бо он асоснок мегардад, ки дар шароити муосири рушди ҷомеаи тоҷик ва татбиқи барномаҳои давлатии рушди маориф талабот нисбат ба сифати тарбияи иҷтимоии кӯдакони синни томактабӣ боз ҳам бештар гардидааст. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф асосҳои умумии ташаккули шахсияти кӯдакро муайян намудааст, вале як қатор

масъалаҳои вобаста ба шароитҳои педагогии ташаккули сифатҳои иҷтимоии кӯдакон дар муассисаҳои таълимии томактабӣ ва оила, механизмҳои ҳамкории онҳо ва натиҷаҳои педагогии ин раванд то ҳол хусусияти баҳсталаб доранд. Дар чунин шароит таҳқиқи комплексии масъалаҳои мазкур аз нуқтаи назари илмӣ муҳим ва саривақтӣ ба ҳисоб меравад.

Муҳтавои диссертатсия ва самти таҳқиқот нишон медиҳанд, ки муаллиф Давлатзода Ф.И. масъалаҳои марбут ба ташаккули сифатҳои иҷтимоии кӯдакони синни калони томактабиро дар доираи ҳамкории муассисаҳои таълимии томактабӣ ва оила ба таври пайгирона ва илмӣ мавриди таҳлил қарор додааст. Синни калони томактабӣ давраест, ки дар он заминаи асосии рушди иҷтимоии шахсият - малакаҳои муошират, ҳамкорӣ бо ҳамсолон, қабули меъёрҳои ахлоқӣ ва рафтори иҷтимоии мусбат - ташаккул меёбад. Аз ин рӯ, муайян намудани шароитҳои педагогие, ки ин раванд дар онҳо самаранок ба роҳ монда мешавад, ҳам барои назарияи педагогикаи томактабӣ ва ҳам барои амалияи муассисаҳои таълимии томактабӣ ва оилаи тоҷикӣ аҳамияти калон дорад. Таҳқиқоти мазкур маҳз ба ҳалли ин масъала нигаронида шудааст ва аз ин нуқтаи назар мубрам ва саривақтӣ ба шумор меравад.

Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуқтаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд. Навгонии илмии диссертатсия дар муносибати комплексии муаллиф нисбат ба масъалаҳои педагогии ташаккули сифатҳои иҷтимоии кӯдакони синни калони томактабӣ дар муассисаҳои таълимии томактабӣ ва оила ифода меёбад. Дар таҳқиқот сифатҳои иҷтимоии кӯдакон на танҳо ҳамчун нишондиҳандаи рушди шахсият, балки ҳамчун категорияи мустақили педагогӣ мавриди таҳлил қарор гирифтааст, ки ба мазмун ва самаранокии раванди тарбияи томактабӣ таъсири мустақим мерасонад.

Муаллиф масъалаҳои вобаста ба ташаккули сифатҳои иҷтимоиро дар ҳамаи зинаҳои ҳамкории муассисаи таълимии томактабӣ ва оила таҳлил намуда, аҳаммияти таъмини шароитҳои педагогии мақсадноки ин раванд - ҳамкории субъект-субъектии мураббия, падару модар ва кӯдак, рушди салоҳияти мураббия ва падару модар, инчунин барномаи дастгирии педагогии оила - барои ташаккули маҷмуи сифатҳои иҷтимоии кӯдаконро асоснок кардааст.

Ҳамчунин, дар диссертатсия амсилаи сохторӣ-муҳтавоии ташаккули сифатҳои иҷтимоии кӯдакони синни калони томактабӣ таҳия шуда, робитаи шароитҳои педагогӣ бо натиҷаҳои миқдорӣ ва сифатии рушди

иҷтимоии кӯдакон нишон дода шудааст ва баъзе пешниҳодҳо ҷиҳати такмили кори тарбиявии муассисаҳои таълимии томактабӣ ва оилаи тоҷикӣ иброз гардидааст.

Нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод шудаанд. Муаллиф барои ҳимоя як қатор нуктаҳои муҳими илмиро пешниҳод намудааст. Аз ҷумла, асоснок карда мешавад, ки сифатҳои иҷтимоӣ ҳамчун маҷмуи хусусиятҳои шахсият - фаъолият, ташаббускорӣ, мустақилият, рафтори иҷтимоии танзимшаванда, қобилияти ҳамкорӣ ва иртибот - нишондиҳандаи асосии сатҳи рушди иҷтимоии кӯдакони синни калони томактабӣ ба ҳисоб мераванд.

Ҳамчунин, таъкид мегардад, ки ташаккули мақсадноки сифатҳои иҷтимоии кӯдакон дар муҳити муассисаи таълимии томактабӣ ва оила тавассути ҳамкории субъект-субъектии мураббиён ва падару модар бо кӯдак, таъмини шароитҳои педагогӣ-психологӣ амалӣ мегардад ва ба тағйироти миқдорию сифатӣ дар рушди маҷмуи сифатҳои иҷтимоии онҳо мусоидат менамояд.

Инчунин, дар диссертатсия рушди салоҳияти мураббия ва падару модар ҳамчун шарти асосии ташаккули сифатҳои иҷтимоӣ дар кӯдакон асоснок карда шуда, барномаи дастгирии педагогии падару модар таҳия ва озмоиш карда шудааст, ки ба ташаккули сифатҳои иҷтимоии кӯдакон дар муҳити муассисаи таълимии томактабӣ ва оила таъсири мусбат расонидааст.

Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта. Диссертатсияи Давлатзода Фарзона Иброҳим ба таҳлили масъалаҳои назариявӣ ва амалии вобаста ба шароитҳои педагогии ташаккули сифатҳои иҷтимоии кӯдакони синни калони томактабӣ дар муассисаҳои таълимии томактабӣ ва оила бахшида шудааст. Муаллиф масъалаҳои марбут ба мафҳум ва моҳияти сифатҳои иҷтимоии кӯдакон, шароитҳои педагогии ташаккули онҳо, нақши муассисаҳои таълимии томактабӣ ва оила дар ин раванд, инчунин натиҷаҳои таҷрибавию озмоишии таҳқиқотро ба таври пайгирона мавриди таҳлил қарор додааст.

Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳои илмии диссертатсия бо истифодаи маҷмӯи усулҳои умумии илмӣ ва махсуси педагогӣ таъмин гардидааст. Дар таҳқиқот усулҳои таҳлили назариявӣ, мушоҳида, суҳбат, озмоиши педагогӣ, усули омории коркарди маълумот, инчунин усулҳои муқоисавӣ ва системавӣ истифода шудаанд, ки ба муаллиф имконият доданд масъалаҳои вобаста ба ташаккули сифатҳои иҷтимоии кӯдаконро

аз нуқтаи назари назариявӣ ва амалии педагогикаи томактабӣ таҳлил намояд.

Муаллиф меъёрҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф, Консепсияи таҳсилоти томактабӣ ва барномаҳои давлатии рушди маорифро мавриди омӯзиш қарор дода, онҳоро бо таҷриба ва мавқеъҳои педагогии давлатҳои дигар муқоиса кардааст. Инчунин, дар таҳқиқот робитаи шароитҳои педагогии ташаккули сифатҳои иҷтимоӣ бо дигар омилҳои муҳими рушди кӯдак - муҳити оилавӣ, услуби тарбия ва ҳамкории муассиса бо оила - муайян гардидааст.

Дар маҷмуъ, истифодаи пайдарҳами усулҳои таҳқиқотӣ, такя ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва педагогӣ ва таҳлили мантиқии масъалаҳои баррасишаванда ба хулосаҳо ва тавсияҳои илмии муаллиф асоснокӣ ва эътимоднокии зарурӣ бахшидааст.

Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия. Таркиби рисола мутобиқ ба мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот муайян гардида, аз муқаддима, се боб, фаслҳо ва хулоса дар ҳаҷми 192 саҳифа, инчунин рӯйхати адабиёти истифодашуда аз 193 номгӯй иборат мебошад.

Дар муқаддима мубрамияти мавзуъ, дараҷаи омӯзиши масъала, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, объект ва предмети таҳқиқот, асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқот, навгонии илмӣ ва аҳаммияти назариявию амалии диссертатсия муайян гардидаанд.

Боби якуми диссертатсия - **«Асосҳои назариявӣ-амалии рушди сифатҳои иҷтимоии кӯдакони синни калони томактабӣ»** номгузорӣ гардида, аз ду зербоб иборат мебошад. Дар ин боб муаллиф масъалаҳои назариявӣ ва амалии вобаста ба рушди сифатҳои иҷтимоии кӯдакони синни томактабиро таҳлил намудааст.

Дар зербоби якум - «Таҳлили рушди сифатҳои иҷтимоии кӯдакон дар адабиётҳои равониву педагогӣ ва методӣ» мафҳум ва моҳияти сифатҳои иҷтимоии кӯдакон, аҳаммияти онҳо дар раванди рушди шахсият ва робитаи онҳо бо зинаҳои иҷтимоикунонии кӯдак мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Дар зербоби дуюм - «Коркарди амсилаи сохторӣ-муҳтавоии рушди сифатҳои иҷтимоии кӯдакони синни калони томактабӣ дар муассисаи таълимии томактабӣ ва оила» масъалаҳои вобаста ба сохтор, муҳтаво ва марҳилаҳои амсилаи педагогии ташаккули сифатҳои иҷтимоӣ, инчунин алоқамандии муассисаи таълимии томактабӣ ва оила дар ин раванд таҳлил гардидаанд.

Боби дуюми диссертатсия - **«Шароитҳои педагогии ташаккули сифатҳои иҷтимоии кӯдакони синни калони томактабӣ дар муассисаҳои таълимии томактабӣ ва оила»** ном дошта, аз ду зербоб иборат мебошад.

Дар зербоби якум - «Шароитҳои психологӣ-педагогии ташаккули сифатҳои иҷтимоии кӯдакони синни калони томактабӣ тибқи талаботи замони муосир» масъалаҳои вобаста ба муайян намудани шароитҳои педагогие, ки ташаккули сифатҳои иҷтимоии кӯдаконро таъмин менамоянд, истифодаи усулҳои муосири тарбия ва ҳамкории субъект-субъектии мураббия, падару модар ва кӯдак мавриди таҳлил қарор гирифтаанд.

Дар зербоби дуюм - **«Технологияи ташкил ва тавсифи корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ дар марҳилаҳои таҳқиқот»** масъалаҳои вобаста ба ташкил ва гузаронидани корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ, хусусиятҳои марҳилаҳои озмоиш, методикаи ташхис ва арзёбии натиҷаҳои раванди ташаккули сифатҳои иҷтимоӣ баррасӣ шудаанд.

Боби сеюми диссертатсия - **«Корҳои озмоишӣ оид ба татбиқи амсилаи рушди сифатҳои иҷтимоии кӯдакон ва натиҷабардорӣ аз он»** номгузорӣ гардида, аз ду зербоб иборат мебошад.

Дар зербоби якум - «Татбиқи амсилаи рушди сифатҳои иҷтимоии кӯдакони синни калони томактабӣ дар муассисаҳои томактабӣ ва оила» масъалаҳои вобаста ба татбиқи амалии амсилаи сохторӣ-муҳтавоии ташаккули сифатҳои иҷтимоӣ, тавсифи барномаи дастгирии педагогии падару модар ва усулҳои ҷалби онҳо ба ҳамкории муштарак таҳлил гардидаанд.

Дар зербоби дуюм - «Таҳлили натиҷаҳои корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ» масъалаҳои вобаста ба таҳлили натиҷаҳои марҳилаи ниҳоии озмоиш, муқоисаи нишондиҳандаҳои аввалӣ ва ниҳоии рушди сифатҳои иҷтимоии кӯдакон, инчунин асоснокии самаранокии шароитҳои педагогии пешниҳодшуда мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Дар маҷмуъ, муҳтавои бобҳо ва зербобҳои диссертатсия пайдарҳамии мантиқӣ дошта, ба ҳалли мақсад ва вазифаҳои таҳқиқоти илмӣ равона гардидаанд. Ҷиҳати муҳими боби сеюм дар он ифода меёбад, ки масъалаҳои вобаста ба ташаккули сифатҳои иҷтимоии кӯдакон танҳо аз нуқтаи назари назариявӣ не, балки дар робита бо амалияи воқеии кори тарбиявии муассисаҳои таълимии томактабӣ ва оилаи тоҷикӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иҷтисодӣ ва иҷтимоии диссертатсия. Хулоса ва пешниҳодҳои муаллиф метавонанд ҳангоми такмили

барномаҳои таълимии томактабии Ҷумҳурии Тоҷикистон, фаъолияти методии муассисаҳои таълимии томактабӣ ва таҳияи барномаҳои дастгирии педагогии оила истифода шаванд. Аҳаммияти назариявӣ, амалӣ ва иҷтимоии диссертатсия. Аҳаммияти назариявии диссертатсия дар он ифода меёбад, , ки натиҷаҳо ва хулосаҳои илмии таҳқиқот метавонанд барои рушди минбаъдаи назарияи педагогикаи томактабӣ, махсусан масъалаҳои вобаста ба шароитҳои педагогии ташаккули сифатҳои иҷтимоии кӯдакони синни калони томактабӣ дар муассисаҳои таълимии томактабӣ ва оила, мусоидат намоянд.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар имконияти истифодаи пешниҳодҳо ва тавсияҳои муаллиф дар такмили барномаҳои таълимии томактабии Ҷумҳурии Тоҷикистон, кори методии муассисаҳои таълимии томактабӣ, тайёр намудани мутахассисони соҳаи тарбияи томактабӣ ва таҳияи барномаҳои дастгирии педагогии оила зоҳир мегардад.

Аҳаммияти иҷтимоии диссертатсия бошад, ба таҳкими ҳамкории муассисаҳои таълимии томактабӣ ва оила, баланд бардоштани сатҳи салоҳияти педагогии падару модар ва таъмини шароитҳои мусоид барои рушди иҷтимоии насли наврас алоқаманд мебошад.

Нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия.

Аз рӯйи мавзуи диссертатсия муаллиф 15 мақолаи илмӣ ба табъ расонидааст, ки аз онҳо 10 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия нашр гардидаанд. Мақолаҳои илмии муаллиф натиҷаҳо ва муҳтавои асосии таҳқиқоти диссертатсиониро инъикос менамоянд. Автореферат фишурдаи диссертатсия буда, мазмун, моҳият, ҳадаф, вазифаҳо ва натиҷаҳои асосии таҳқиқотро ба таври мухтасар ва мантиқӣ инъикос менамояд.

Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Диссертатсия ва автореферати он тибқи талаботи муқарраргардидаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия шудаанд. Автореферат муҳтавои асосии таҳқиқот, навгонии илмӣ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва натиҷаҳои илмии бадастомадаро ба таври мухтасар ва мантиқӣ инъикос менамояд.

Мақолаҳои илмии интишорнамудаи муаллиф низ муҳтавои асосии таҳқиқотро фаро гирифта, натиҷаҳои муҳими илмии диссертатсияро

инъикос менамоянд. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар маҷаллаҳо ва маҷмуаҳои илмии тақризшаванда ба нашр расонида шудаанд.

Аз ин рӯ, диссертатсия ба талаботи «Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия ва дигар маводи илмӣ», ки бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 декабри соли 2024, №493 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд. Бояд қайд намуд, ки диссертатсияи Давлатзода Фарзона Иброҳим аз ҷиҳати сохтор, мазмун ва тартиби таҳия ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад. Сохтори таҳқиқот бо дарназардошти мақсад ва вазифаҳои илмии пешгузошташуда таҳия гардида, байни қисматҳои асосии он робитаи мантиқӣ нигоҳ дошта шудааст. Диссертатсия аз бобҳо, зербобҳо, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат буда, ба талаботи санадҳои меъёрии амалкунанда мутобиқат менамояд.

Дар диссертатсия пайдарҳамии мантиқии масъалаҳои таҳқиқшаванда таъмин гардида, масъалаҳои назариявӣ ва амалии вобаста ба ташаккули сифатҳои иҷтимоии кӯдакони синни калони томактабӣ ба таври низомнок таҳлил шудаанд. Услуби илмии баёни мавод нигоҳ дошта шуда, таҳлили масъалаҳо хусусияти илмӣ ва таҳлилӣ дорад. Муаллиф ҳангоми таҳияи диссертатсия аз санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва педагогӣ, адабиёти илмии соҳавӣ ва маводи амалияи кори тарбиявии муассисаҳои таълимии томактабӣ васеъ истифода намудааст, ки ин ҳолат ба асоснокии хулосаҳо ва пешниҳодҳои илмии таҳқиқот мусоидат намудааст.

Ҳамчунин, барасмиятдарории иқтибосҳо, истинодҳо, рӯйхати адабиёти истифодашуда ва дигар унсурҳои техникии диссертатсия ба талаботи санадҳои меъёрии амалкунанда ҷавобгӯ мебошад. Тартиби истифодаи манбаъҳои илмӣ бо риояи меъёрҳои қабулшудаи корҳои илмӣ амалӣ гардида, истинодҳо ва иқтибосҳои истифодашуда ба таври дуруст ва пайдарҳам пешниҳод шудаанд. Рӯйхати адабиёти истифодашуда муҳтавои таҳқиқотро инъикос намуда, фарогири санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва педагогӣ, адабиёти илмии соҳавӣ, корҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ мебошад. Ин ҳолат аз муносибати ҷиддии муаллиф нисбат ба интихоби асосҳои назариявӣ ва манбаъҳои таҳқиқот шаҳодат медиҳад.

Услуби илмии баёни мавод дар тамоми қисматҳои диссертатсия нигоҳ дошта шуда, тартиби пешниҳоди масъалаҳои таҳқиқшаванда ба хусусияти илмии рисола мутобиқ мебошад. Забони таҳқиқот аз ҷиҳати

илмӣ асоснок буда, мазмуни масъалаҳои баррасишавандаро пайдарҳам ва мантиқӣ инъикос менамояд. Дар диссертатсия риояи ягонагии услуби илмӣ, пайдарҳамии мантиқии таҳлил ва мутобиқати қисматҳои алоҳидаи таҳқиқот ба мақсад ва вазифаҳои пешгузошташуда таъмин гардидааст.

Бо вуҷуди баҳои ʻмусбате, ки дар тақриз баён гардид, дар диссертатсияи мазкур баъзе камбудиҳо, ҳолатҳои баҳсталаб, ғалатҳои оморӣ, имлои грамматикӣ ҷой доранд, ки дар байни онҳо ҳолатҳои зеринро метавон ҷудо намуд:

Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба диссертатсия:

1. Дар диссертатсия масъалаҳои вобаста ба моҳияти сифатҳои иҷтимоӣ ва шароитҳои педагогии ташаккули онҳо баррасӣ гардидаанд, аммо баъзе ҷанбаҳои амалии татбиқи шароитҳои мазкур дар шароити мушаххаси муассисаҳои таълимии томактабии шаҳр ва деҳот низ дида мешуданд, ҷабҳаи амалии таҳқиқот боз мукаммалтар мегардид.

2. Дар баъзе қисматҳои диссертатсия истифодаи маводи таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ ва санадҳои байналмилалии вобаста ба тарбияи томактабӣ метавонист таҳлили масъалаҳои назариявиро боз ҳам пурратар намояд.

3. Ҳангоми таҳқиқи масъалаҳои вобаста ба натиҷаҳои корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ баъзе масъалаҳои марбут ба тафовути нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоии кӯдакон дар гурӯҳҳои санҷишӣ ва назоратӣ ба таври умумӣ баррасӣ шудаанд. Ба андешаи мо, таҳлили муфассалтари ин тафовутҳо бо истифода аз усулҳои иловагии омории коркарди маълумот, аҳаммияти амалии таҳқиқотро бештар мегардонд.

4. Дар баъзе саҳифаҳои диссертатсия ва автореферати он хатогиҳои имлоӣ, мантиқӣ ва техникӣ ба назар мерасад, ки ба таҳриру тасҳеҳ ниёз доранд.

Эродҳои болозикр хусусияти ҷузъӣ дошта, ба аҳаммияти илмӣ ва арзиши амалии диссертатсия таъсири ҷиддӣ намерасонанд.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Давлатзода Фарзона Иброҳим дар мавзуи “Шароитҳои педагогии ташаккули сифатҳои иҷтимоии кӯдакони синни калони томактабӣ дар муассисаҳои таълимии томактабӣ ва оила”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.2. Назария ва методика таълиму тарбияи томактабӣ (педагогикаи томактабӣ) пешниҳод гардидааст, дар сатҳи баланди илмӣ ба анҷом расида, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.08.2026 таҳти №591 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои

дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.2. Назария ва методика таълиму тарбияи томактабӣ (педагогикаи томактабӣ) мебошад.

Муқарризи расмӣ:
Доктори илмҳои педагогӣ,
профессори кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва
касбии МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба
номи академик Бобоҷон Ғафуров" Сабурӣ Хайрулло Мирзозода

Маълумот барои тамос: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Сугд, шаҳри Хуҷанд, маҳаллаи18, бинои 3, хонаи 108; тел.+992 928 47 76 07, почтаи электронӣ: saburov.67@mail.ru

Имзои Сабурӣ Хайрулло Мирзозодаро тасдиқ менамоям.

Ҷонишини сардори РК ва КМ–и МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" Наврӯззода Э.М.

Маълумот барои тамос: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Суғд, шаҳри Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбекова 1; тел. (+992) 3422-6-52-73 почтаи электронӣ: ittiloothgu@mail.ru

02.10.2026